# ФАРМОИШИ
# ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз « 05 » 09 2022 № 1309 шаҳри Душанбе

Дар бораи амалӣ намудани қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.08.2022, №12/15

Бо мақсади амалӣ намудани қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.08.2022, №12/15 «Дар бораи Низомномаи озмуни «Омӯзгори соли Тоҷикистон» мутобиқи банди 13 Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.03.2014, №145 тасдиқ шудааст, ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.08.2022, №12/15 «Дар бораи Низомномаи озмуни «Омӯзгори соли Тоҷикистон» мавриди амал қарор дода шавад (замима мегардад).
2. Сардори раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ З. Назрулозода уҳдадор карда шавад, ки нусхаи фармоиши мазкурро дастраси сардорони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд ва мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ карда, рафти амалӣ гардидани онро таъмин намояд.
3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазири маориф ва илм З. Абдулзода гузошта шавад.

Асос: қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.08.2022, №12/15.

Вазир Р.Саидзода

Муовини вазир

Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус

Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ

Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ

# ҚАРОРИ ҲАЙАТИ МУШОВАРАИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «_29_» __08__ соли 2022 №_12/15_ ш.Душанбе

Дар бораи Низомномаи озмуни «Омӯзгори соли Тоҷикистон»

Ҷаласаи ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди сардори раёсати таҳсилоти миёнаи умумиро «Дар бораи Низомномаи озмуни «Омӯзгори соли Тоҷикистон» баррасӣ намуда, ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Низомномаи озмуни «Омӯзгори соли Тоҷикистон» тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Сардорони раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, сардорони раёсат ва мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, директорони муассисаҳои мақоми ҷумҳуриявидошта вазифадор карда шаванд:

2.1. Рафти баргузории озмуни «Омӯзгори соли Тоҷикистон»-ро дар асоси Низомномаи мазкур ба роҳ монанд;

2.2. Низомномаи озмуни «Омӯзгори соли Тоҷикистон»-ро дар мушовараҳои сарраёсат, раёсат, шӯроҳои шуъбаҳои маориф ва шӯроҳои педагогии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мавриди иҷро ва корбарӣ қарор диҳанд;

3. Ректори Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф (Ҷ. Намоззода) ӯҳдадор карда шавад, ки даври минтақавии озмуни «Омӯзгори соли Тоҷикистон»-ро барои муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар асоси Низомномаи мазкур баргузор намояд.

4. Сармуҳаррири нашрияи «Омӯзгор» (Н. Нурализода) ӯҳдадор карда шавад, ки Низомномаи озмуни «Омӯзгори соли Тоҷикистон»-ро дар нашрия ба табъ расонад.

5. Сардори раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ З.Назрулозода ӯҳдадор карда шавад:

5.1. Низомномаи мазкурро дастраси сардорони раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе ва сардорони раёсату мудирони

шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва директорони муассисаҳои таълимии мақоми ҷумҳуриявидошта гардонад;

5.2. Рафти амалӣ гардидани қарори мазкурро таъмин намояд.

6. Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.05.2015, №13/1 Дар бораи Низомномаи озмуни «Омӯзгори соли Тоҷикистон» аз эътибор соқит карда шавад.

7. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон З.Абдулзода гузошта шавад.

Раиси ҳайати мушовара,
вазир Р.Саидзода

Бо қарори ҳайати мушовараи
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «29», 08 соли 2022, №12/15
тасдиқ шудааст

Низомномаи
озмуни «Омӯзгори соли Тоҷикистон»

## 1. Қоидаҳои умумӣ

1.1. Низомномаи озмуни «Омӯзгори соли Тоҷикистон» дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия гардидааст.

1.2. Низомномаи «Омӯзгори соли Тоҷикистон» (минбаъд-Низомнома) тартиб, раванди баргузорӣ, муҳлат, талабот ба иштирокчиёни озмун, ҳавасмандгардонии онҳо ва маблағгузории озмунро муқаррар менамояд.

1.3. Озмун ҳамасола гузаронида шуда, даври ниҳоии он ҳафтаи сеюми моҳи декабр дар шаҳри Душанбе баргузор мегардад.

1.4. Ташкилкунандагони озмуни «Омӯзгори соли Тоҷикистон» Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нашрияи «Омӯзгор» мебошанд.

## 2. Мақсади асосии озмун

2.1. Мақсади баргузории озмун:

Озмун бо мақсади беҳтар ба роҳ мондани фаъолияти эҷодии омӯзгорон, такмил додани раванди таҳсилот, дарёфт ва ҳавасмандгардонии омӯзгорони эҷодкор, рушди касбии омӯзгорон, дастгирӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои нав дар раванди омӯзиш, муайян намудани самтҳои афзалиятноки таҳсилот дар соҳа, инчунин дарёфти кадрҳои боистеъдод ва ба вуҷуд овардани махзани кадрӣ мебошад.

Ҳадафи асосии озмун:

- дарёфти омӯзгорони боистеъдод аз ҳисоби омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастгирӣ ва ҳавасманд намудани онҳо;
- баланд бардоштани мақоми омӯзгор дар ҷомеа;
- паҳн намудани таҷрибаи пешқадами омӯзгорони Тоҷикистон;
- пешниҳоди номзадҳо ба озмунҳои байналмилалӣ аз ҳисоби омӯзгорони дар озмун иштироккарда;
- ба вуҷуд овардани махзани ягонаи захираҳои кадрӣ дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- баланд бардоштани мақоми омӯзгор дар ҷомеа;
- ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеа ба соҳаи маорифи Тоҷикистон;

- ба вуҷуд овардани ҳамраъйӣ бо омӯзгорон дар байни сохторҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ.

2.2. Ғолиби озмуни «Омӯзгори соли Тоҷикистон» вазифадор аст:

- ҳамеша эҷодкор ва пешбари ғояҳои арзишманди соҳаи маориф бошад;
- ҳамкорони хешро барои такмил додани тахассус ва ба корҳои эҷодӣ бештар таваҷҷуҳ кардан ҳидоят намояд;
- барои таҷрибаи хешро пешкаши омӯзгорони ҷумҳурӣ гардонидан омода бошад ва ҳангоми зарурат ба тамоми гӯшаю канори кишвар сафар кунад;
- навовариҳои дар соҳаи маорифи кишвар ва дар давлатҳои дигар ба амал омадаро таҳлил карда, дар ҷамъомаду конференсияҳо баромад намояд.

## 3. Иштирокчиёни озмун

3.1 Дар озмун омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, ки на кам аз 5 сол собиқаи кори омӯзгорӣ доранд, иштирок карда метавонанд.

3.2 Ҳамчунин, дар озмун омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ фаъолият доранд, иштирок карда метавонанд.

3.3. Ғолиби даври ҷумҳуриявии «Омӯзгори соли Тоҷикистон» ҳуқуқи такроран дар озмун иштирок карданро надорад.

## 4. Даврҳои озмун ва тартиби гузаронидани он

4.1. Озмуни «Омӯзгори соли Тоҷикистон» дар се давр гузаронида мешавад:

- даври якум - моҳи феврал дар шаҳру ноҳияҳо;
- даври дуюм - моҳи апрел дар вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе. Даври дуюм барои шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф гузаронида мешавад;
- даври сеюм (ҷумҳуриявӣ) - ҳафтаи чоруми моҳи сентябр.

4.2. Ғолибони даври якум ба даври дуюм, ғолибони даври дуюм ба даври сеюм роҳхат мегиранд.

Дар даври сеюм аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, Суғд, Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ якнафарӣ ғолибони даври дуюм иштирок мекунанд.

4.3. Муассисаҳои таълимии мақоми ҷумҳуриявидошта (литсей, гимназия, мактабҳои Президентӣ ва мактаб-интернатҳо), муассисаҳои таҳсилоти умумии ғайридавлатӣ (хусусӣ) дар озмун вобаста ба маҳалли ҷойгиршавӣ иштирок менамоянд.

4.4. Ҷойи баргузории озмун, интихобу тасдиқи аъзои ҳакамони даври якумро раёсат ва шуъбаҳои маориф, даври дуюмро раёсатҳои маорифи

вилоят (барои шаҳри Душанбе сарраёсати маорифи шаҳр) муайян намуда, ҳар сол ҳайати он иваз карда мешавад.

Даври дуюм ва ҳайати ҳакамонро барои шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф муайян менамояд.

4.5. Баргузории даври сеюм аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардида, як моҳ пеш аз озмун бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ ва ба раёсати маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, раёсатҳои маорифи вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ фиристода мешавад.

## 5. Кумитаи тадорукот

5.1. Бо мақсади ташкили озмуни «Омӯзгори соли Тоҷикистон» Кумитаи тадорукот таъсис дода мешавад, ки аз раис, котиб ва аъзоён иборат аст. Кумитаи тадорукот мақоми олии озмун маҳсуб ёфта, ташкилу гузаронидан ва ҷамъбасти озмунро ба зимма дорад.

5.2. Ҳайати Кумитаи тадорукот дар даврҳои якум ва дуюми озмун аз ҳисоби кормандони мақомоти дахлдори соҳаи маориф ва омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ ва даври сеюми озмун аз ҳисоби кормандони Вазорати маориф ва илм, зерсохторҳо, Иттифоқи касабаи кормандони соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашрияи «Омӯзгор» ва сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе таъсис дода мешавад.

Кумитаи тадорукот тибқи талаботи Низомнома ҷой ва муҳлати гузаронидани озмун, ҳайати ҳакамон,речаи кори онҳо ва тартиби гузаронидани шартҳои озмунро муайян менамояд.

5.3. Кумитаи тадорукоти даври сеюми озмуни «Омӯзгори соли Тоҷикистон» бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мешавад.

5.4. Кумитаи тадорукот ҳамасола:

- пешниҳоди сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон ва Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони маорифро дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ оид ба натиҷаи даври дуюм баррасӣ намуда, ҷиҳати роҳ ёфтани довталабон ба даври сеюми озмун қабул менамояд;
- ҳайати ҳакамон ва харҷномаи озмунро барои тасдиқ ба вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;
- тартиби гузаронидани даври озмун ва меъёри баҳодиҳиро муайян менамояд;
- талабот нисбати маводи ба озмун пешниҳодшударо муайян менамояд;
- дар ҳал намудани масъалаҳои баҳсталаб иштирок мекунад;
- ҷиҳати тасдиқи ҳайати ҳакамон лоиҳаи фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод менамояд;
- тартиб, шакл, вақт ва макони баргузории озмунро муайян менамояд;

- ҷаласаҳои Кумитаи тадорукотро гузаронида, масъалаҳои ҳалталабро баррасӣ ва қарори дахлдор қабул менамояд;
- натиҷаи ҷамъбасти озмунро эълон менамояд.

## 6. Ҳайати ҳакамон

6.1. Барои таъмини баҳодиҳии одилона ва беғаразона ба фаъолияти иштирокчиёни озмун ва муайян намудани ғолиби озмуни «Омӯзгори соли Тоҷикистон» ҳайати ҳакамон таъсис дода мешавад.

6.2. Ҳайати ҳакамон аз раис, котиб ва 7 нафар аъзо иборат буда, аз ҷониби Кумитаи тадорукот пешниҳод ва бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

6.3. Ҳайати ҳакамон дар фаъолияти худ талаботи Низомномаи озмунро ба роҳбарӣ мегирад.

6.4. Ҳайати ҳакамон корҳои зеринро ба сомон мерасонад:

- довталабонро бо тартиби баргузорӣ ва шартҳои озмун шинос менамояд;
- иҷрои шартҳои озмунро аз ҷониби довталабон таҳлил ва баҳогузорӣ мекунад;
- натиҷаи бадастовардаи довталабонро ҷамъбаст ва ғолиби озмунро муайян менамояд;
- ҳангоми ба вуҷуд омадани баҳс ба Кумитаи тадорукоти озмун муроҷиат мекунад;
- оид ба натиҷаи ҷамъбасти баҳодиҳии ҳакамон ва натиҷаи озмун ба Кумитаи тадорукоти озмун маълумоти мушаххас пешниҳод менамояд.

6.5. Ҳайати ҳакамон дар даврҳои якум ва дуюм аз ҳисоби омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ вобаста ба ихтисоси довталабон, кормандони филиалҳои Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар минтақаҳо, дар даври сеюм аз ҳисоби мутахассисони Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ, Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии шаҳри Душанбе интихоб мешаванд.

6.6. Ҳакамон ба ҳар як шарти озмун алоҳида баҳогузорӣ карда, холҳои бадастовардаи довталабонро пеш аз саршавии шарти навбатӣ эълон мекунанд.

6.7. Дар сурати қаноатбахш набудан аз баҳогузории ҳакамон довталаб метавонад то ҷамъбасти озмун ба Комиссияи апеллятсионии озмун муроҷиат намояд. Комиссияи апеллятсионии озмун дар даври якум бо фармоиши сардори раёсат ё мудири маорифи шаҳру ё ноҳия, дар даври дуюм бо фармоиши сардори сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, сардорони раёсати маорифи вилоятҳо ва ректори Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва дар даври сеюм бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати се нафар таъсис дода шуда, ҳангоми ба миён омадани норозигии довталаб аз баҳои додаи ҳайати ҳакамон фаъолият мекунад.

6.8. Агар бо сабабҳои гуногун ғолиби даври дуюм дар даври сеюм иштирок карда натавонад, Кумитаи тадорукоти даври дуюми озмун метавонад иштирокчии ҷойи дуюм ишғолкардаро пешниҳод намояд.

6.9. Сафархарҷии иштирокчии даври сеюми озмун аз тарафи ҷойи кори асосии довталаб пардохт карда мешавад.

## 7. Шартҳои озмун

7.1. Озмуни «Омӯзгори соли Тоҷикистон» аз рӯи шартҳои зерин гузаронида мешавад:

**1. Дарси конкурсӣ аз рӯи ихтисос.**

Дарс дар доираи 45 дақиқа гузаронида мешавад.

Мақсад: муаррифии малакаи касбии худ, маҳорати ба хонандагон расонидани мавзӯи нав, ташкил кардани фаъолияти байниҳамдигарии хонандагон, таъмин намудани иштироки фаъолонаи хонандагон, ҳавасмандгардонӣ, навоварӣ дар таълим, истифода аз технологияи муосир ва аёниятҳо, овардани мисолҳо аз ҳаёт ва таҷрибаи ҷаҳонӣ бо муаррифӣ ва намоиш, таҳлили ҳаматарафаи мавзӯи дарс.

Дарси конкурсӣ тариқи қуръапартоӣ сурат гирифта, мавзуъҳо як рӯз пеш аз рӯи барнома ва нақшаи тақвимӣ, ки ба ихтисоси довталаб ва синфи интихобгардида рост меояд, гузаронида мешавад.

Меъёри баҳодиҳӣ: амиқ матраҳ карда тавонистани мавзуъ, муҳимияти мавзуъ, маҳорати касбӣ - методӣ ва эҷодкорӣ, навоварӣ, самарабахшӣ, маҳорати додани донишҳои нав ба хонандагон, ҳавасманд гардонида тавонистан, дастгирии мустақилият ва эҷодкории хонандагон, таҳлили ҳаматарафаи маводи таълимӣ, маданияти муошират ва сатҳи забондонӣ.

**2. Муаррифии таҷрибаи корӣ.**

Муаррифии таҷрибаи довталаб дар доираи 20 дақиқа пешниҳод карда мешавад.

Мақсад: муаррифии таҷрибаи инноватсионӣ дар истифодаи маводи таълимӣ-методӣ, салоҳиятнокии омӯзгор дар истифодаи технологияи муосир дар дарс, ошкор намудани мушкилот дар таълим ва пешниҳоди роҳи ҳалли он аз нуқтаи назари самаранокӣ дар таълим, масъалагузорӣ ва ҳаллу фасли он.

Тартиб: дар муаррифии таҷрибаи педагогӣ, тахассусмандӣ ва навоварӣ бо назардошти такя ба назарияҳои педагогӣ-психологӣ ва адабиёти илмӣ инъикосгардида, дар асоси он мақолаҳои илмию методӣ, дастур ва китобҳои дарсии батабърасида баррасӣ карда мешаванд. Маводи муаррифишаванда дар шакли слайд намоиш дода мешавад.

Меъёри баҳодиҳӣ: арзиши таълимӣ ва методии маводи истифодашуда, маҳорати таҳлил ва паҳн намудани он, нишон дода тавонистани натиҷаҳои таълим, ошкор намудани мушкилоти соҳа ва пешниҳоди роҳи ҳалли он, дастовард ва таҳлили натиҷаи таҷрибаи маҳорати касбӣ, инъикоси ҳамкории омӯзгор бо хонанда, падару модар ва ҳамкорон.

**3. Таҳлили дарс.**

Барои таҳлил ба довталаб 10 дақиқа ҷудо карда мешавад.

Тартиб: ҳангоми таҳлили дарси конкурсӣ нишон дода тавонистани амиқии тафаккури педагогӣ, донистани хусусиятҳои психологии хонандагон, талаботи асосӣ ба дарси муосир, қобилияти асоснок намудан ва воқеъбинона арзёбӣ намудани дарси худ, муайян кардани ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии дарс, муайян намудани сабабҳои камбудиҳои роҳдодашуда ва нишон додани роҳҳои ислоҳи он.

Меъёри баҳодиҳӣ: ба саволҳои гузошташуда ҷавобҳои саҳеҳ ва мушаххас дода, маҳорати асоснок карда тавонистани мақсад ва вазифаҳои дарс, асоснок карда тавонистани таносуби мундариҷаи дарс, барномаи таълимӣ ва китоби дарсӣ, ҷудо карда тавонистани хусусиятҳои хоси фаъолияти омӯзгор, мувофиқат кардани технологияи дарс ба методика ва вазифаҳои гузошташуда, баҳодиҳии омӯзгор ба муҳити синф, рафтори худ ва вазъияти баамаломада, таҳлили мушкилоти дар рафти дарс бамиёномада.

**4. Маҷлиси падару модарон.**

Муаррифии маҷлиси падару модарон дар доираи 20 дақиқа гузаронида мешавад.

Тартиб: гузаронидани маҷлиси падару модарон тибқи мавзӯи пешниҳодшуда, бадеҳатан бо падару модарон муҳокима кардани масъалаҳои мубрамро дар бар гирифта, номгӯи мавзуъҳои дар маҷлиси синфии падару модарон муҳокимашаванда барои иштирокчиён аз тарафи ҳайати ҳакамони озмун пешниҳод гардида, тариқи қуръапартоӣ муайян карда мешавад.

Меъёри баҳодиҳӣ: ба падару модарон пешниҳод карда тавонистани моҳияти тарбиявӣ доштани мавзуъ, маҳорати эҷодӣ, эҳтироми якдигар ва таҳаммулпазирӣ, маҳорати ташкил карда тавонистани фаъолияти байни падару модар, маҳорати гӯш кардан, шунидан ва дарк кардани мавқеи падар модар оид ба мавзуъ ва ҷалб кардани онҳо ба баҳсу хулосабарорӣ.

**5. Соати тарбиявӣ.**

Ин шарти озмун дар доираи 20 дақиқа гузаронида шуда, дар кадом синф дарс гузаштан аз тарафи довталаб интихоб мешавад.

Тартиб: тибқи мавзӯи пешниҳодшуда бадеҳатан бо хонандагон муҳокима кардани масъалаҳои мубрамро дар бар гирифта, номгӯи мавзуъҳои дар соати тарбиявӣ муҳокимашаванда барои иштирокчиён аз тарафи ҳайати ҳакамони озмун тариқи қуръапартоӣ муайян карда мешавад.

Меъёри баҳодиҳӣ: кушода дода тавонистани моҳияти тарбиявӣ доштани мавзуи муҳокимашаванда, маҳорати эҷодӣ ва дастгирӣ карда тавонистани эҳтироми якдигар ва таҳаммулпазирӣ, маҳорати ташкил карда тавонистани фаъолияти байни хонандагон, маҳорати гӯш кардан, шунидан ва дарк кардани мавқеи хонанда ва ба онҳо таваҷҷуҳ зоҳир кардан, маҳорати ҷалб кардани хонандагон ба баҳсу хулосабарорӣ.

**6. Саволу ҷавоб (10 савол).**

Тартиб: аз фанҳои таълимӣ, методикаи таълим ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф саволҳо пешниҳод мегарданд ва довталабон ҷавоб медиҳанд.

Меъёри баҳодиҳӣ: мукаммалии дониши фаннӣ, методикаи таълим ва сатҳи донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа аз тарафи омӯзгор.

**7. Кор бо компютер ва тахтаи электронӣ.**

Довталаб аз рӯи ин шарт бо компютер ва тахтаи электронӣ аз рӯи барномаҳои гуногун кор карда тавонистан ва истифодаи интернетро намоиш медиҳад.

Довталаб аз рӯи ин шарт бояд тавонад:

- сохтани презентатсияи дарс (слайд);
- таҳия, сохтани тести электронӣ ва истифодаи он дар дарс;
- истифода аз маводи шабакаи интернет;
- гузаронидани дарс бо истифода аз технологияи муосир (проектор, тахтаи электронӣ).

7.2. Ҳангоми иҷрои шартҳои Озмун баҳогузорӣ чунин сурат мегирад:

| № | Шартҳо | Талабот ба шартҳои озмун | Хол |
|---|---|---|---|
| 1. | Дарси конкурсӣ аз руи ихтисос (45 дақ.) | амиқ матраҳ карда тавонистани мавзуъ | Барои ҳар як критерия то 10 хол<br>Холи умумӣ аз 0 то 90 |
| | | муҳимияти мавзуъ | |
| | | маҳорати методӣ ва эҷодкорӣ, навоварӣ, самарабахшӣ | |
| | | истифода аз технологияи муосир, бо муарифӣ ва намоиш | |
| | | маҳорати додани донишҳои нав ба хонандагон | |
| | | ҳавасманд гардонида тавонистани хонандагон | |
| | | дастгирии мустақилият ва эҷодкории хонандагон | |
| | | таҳлили ҳаматарафаи маводи таълимӣ | |
| | | маданияти муошират ва сатҳи забондонӣ | |
| 2. | Муаррифии таҷрибаи корӣ (20 дақ.) | навоварӣ дар таҷрибаи педагогӣ бо назардошти такя ба назарияҳои педагогӣ-психологӣ ва адабиёти илмӣ | Барои ҳар як критерия то 5 хол<br>Холи умумӣ аз 0 то 20 |
| | | арзиши таълимӣ ва методии маводи истифодашуда, маҳорати таҳлил ва паҳн намудани он | |
| | | нишон дода тавонистани натиҷаҳои таълим, дарёфти проблема дар соҳа ва ҳалли он, дастовард ва таҳлили натиҷаи таҷрибаи маҳорати касбӣ | |
| | | инъикоси ҳамкории омӯзгор бо хонанда, падару модар ва ҳамкорон | |
| 3. | Таҳлили дарс (дар доираи 10 дақика) | ҷавобҳои саҳеҳ ва мушаххас ба саволҳои гузошташуда | Барои ҳар як критерия то 5 хол<br>Холи умумӣ аз 0 то 25 |
| | | маҳорати асоснок карда тавонистани мақсад ва вазифаҳои дарс | |
| | | асоснок карда тавонистани таносуби мундариҷаи дарс, барномаи таълимӣ ва китоби дарсӣ | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | ҷудо карда тавонистани хусусиятҳои хоси фаъолияти омӯзгор, мувофиқат кардани технологияи дарс ба методика ва вазифаҳои гузошташуда | |
| | | баҳодиҳии омӯзгор ба муҳити синф, рафтори худ ва вазъияти баамаломада, таҳлили мушкилоти дар рафти дарс бавуқӯъомада | |
| 4. | Маҷлиси падару модарон (дар доираи 20 дақиқа). | ба шунавандагон пешниҳод карда тавонистани моҳияти тарбиявӣ доштани мавзӯи муҳокима-шуда | Барои ҳар як критерия то 5 хол Холи умумӣ аз 0 то 20 |
| | | маҳорати эҷодӣ, эҳтироми якдигар ва таҳаммулпазирӣ | |
| | | маҳорати ташкил карда тавонистани фаъолияти байни падару модарон, маҳорати гӯш кардан | |
| | | шунидан ва дарк кардани мавқеи падар модарон оид ба мавзуъ ва ҷалб кардани онҳо ба баҳсу хулосабарорӣ | |
| 5. | Соати тарбиявӣ (дар доираи 20 дақиқа) | кушода дода тавонистани арзиши тарбиявӣ доштани мавзӯи муҳокимашуда | Барои ҳар як критерия то 5 хол Холи умумӣ аз 0 то 20 |
| | | маҳорати эҷодӣ ва дастгирӣ карда тавонистани муҳити эҳтироми якдигар ва таҳаммулпазирӣ | |
| | | маҳорати ташкил карда тавонистани фаъолияти байни хонандагон, маҳорати гӯш кардан, шунидан ва дарк кардани мавқеи хонанда ва ба онҳо таваҷҷӯҳ зоҳир кардан | |
| | | маҳорати ҷалб кардани хонандагон ба баҳсу хулосабарорӣ | |
| 6. | Ҷавоби дуруст додан ба 10 (даҳ) савол | мукаммалии дониши фаннӣ, методикаи таълим ва ошноии омӯзгорон бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа | Барои ҳар як савол то 5 хол Холи умумӣ аз 0 то 50 |
| 7. | Кор бо компютер | сохтани презентатсияи дарс (слайд) | Барои ҳар як критерия то 5 хол Холи умумӣ аз 0 то 20 |
| | | таҳия, сохтани тести электронӣ ва истифодаи он дар дарс | |
| | | истифода аз маводи шабакаи Интернет | |
| | | гузаронидани дарс бо истифода бо технологияи муосир (проектор, тахтаи электронӣ) | |

## 8. Пешниҳоди ҳуҷҷат ва мавод барои иштирок дар озмун

8.1. Барои иштирок дар даври сеюми озмун аз тарафи раёсати маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе ва Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ҳуҷҷатҳои зерин бо мактуби расмӣ пешниҳод карда мешавад:

- дархост барои иштирок дар озмун (замимаи 1);
- навори видеоии раванди иштироки довталаб дар озмуни вилоятӣ (минтақавӣ);
- иқтибос аз протоколи ҷаласаи Кумитаи тадорукоти озмуни вилоятӣ (минтақавӣ) дар бораи пешниҳоди довталаб барои иштирок дар озмун;
- маълумотнома оид ба фаъолияти меҳнатии довталаб (замимаи 2);

- дархост барои дастрас намудани таҷҳизоти зарурии гузаронидани дарси конкурсӣ (замимаи 3)

- нусхаи шиносномаи довталаб ва дафтарчаи меҳнатии довталаб.

8.2. Довталаб барои иштирок дар даври сеюми озмун тамоми маводи худро ба тариқи электронӣ ба сайти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (m.umumi@maorif.tj) 20 рӯз пеш аз саршавии озмун пешниҳод намояд.

8.3. Довталабони озмун портфолиои электронӣ омода мекунанд, ки дар он ахбор дар бораи иштирокчӣ, мундариҷаи кор ва натиҷаҳои фаъолият ва дастовардҳои касбии ӯ инъикос карда мешавад. Портфолиои иштирокчӣ дар шабакаи интернет ҷой дода мешавад. Рафти озмун аз рӯи самтҳои зерин баҳогузорӣ карда мешавад:

- сабти видеоии иштирок дар даври ноҳиявӣ (шаҳрӣ);
- таҳлили портфолиои пешниҳодшуда;
- истифода аз технологияи муосир;
- мавҷуд будани риояи талаботи педагогӣ;
- мазмун ва пайдарҳамии ҷойгиркунии мавод дар портфолио;
- мазмуннокии маводи пешниҳодшуда дар портфолио;
- дизайн ва сифати ҷойгиркунонии портфолио.

8.4. Маводи довталабоне, ки ба талабот ҷавобгӯ нестанд, баррасӣ намешавад.

8.6. Маводи пешниҳодшуда ба Кумитаи тадорукоти озмун баргардонида намешавад.

## 9. Ҷамъбаст ва мукофотонидани довталабон

9.1. Довталабе, ки аз рӯи ҷамъбасти холҳо нишондоди аз ҳама баландро соҳиб мегардад, ғолиби озмуни «Омӯзгори соли Тоҷикистон» дониста мешавад.

Ғолиби озмуни «Омӯзгори соли Тоҷикистон» бо маблағи 30 000 (сӣ ҳазор) сомонӣ ва тухфаи хотиравии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мукофотонида мешавад.

9.2. Иштирокчиёни озмун аз ҷониби нашрияи «Омӯзгор» бо туҳфаҳои хотиравӣ ҳавасманд карда мешаванд.

9.3. Иштирокчиёни озмун бо мукофотҳои соҳавӣ (нишони «Аълочии маорифи Тоҷикистон», «Ифтихорнома»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Диплом), китобҳо ва туҳфаҳои хотиравӣ қадр мешаванд. Аз ҷониби Иттифоқи касабаи кормандони соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ғолиб ва дигар иштирокчиёни озмун роҳхатҳои истироҳатӣ-табобатӣ дода мешавад.

Муассисаҳои давлативу ғайридавлатӣ, ширкатҳо, созмонҳо ва шахсони алоҳида метавонанд ҷиҳати ҳавасманд гардонидани ғолиб ва иштирокчиёни озмун саҳмгузорӣ намоянд.

Мукофотҳо ҳангоми ҷамъбасти даври хотимавии озмун аз ҷониби сарпарасти соҳа супорида мешавад.

Раванди супоридани мукофотҳо ба ғолиб ва иштирокчиёни даври ҷумҳуриявӣ тариқи шабакаҳои телевизионӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма инъикос мешавад.

9.4. Ба ғолиби даври сеюми озмуни «Омӯзгори соли Тоҷикистон» «Шаҳодатнома»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида мешавад.

**10. Маблағгузории озмун**

10.1. Хароҷоти маблағ барои гузаронидани даврҳои озмуни ноҳиявӣ (шаҳрӣ) ва вилоятӣ (минтақавӣ) ба зиммаи сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсати маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон ва раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ гузошта мешавад. Дар баргузории озмун Иттифоқи касаба ва сарпарастон, соҳибкороне, ки бо раёсат ва шуъбаҳои маориф ҳамкорӣ доранд, метавонанд саҳм бигиранд.

10.2. Хароҷоти рафти омодагӣ ва гузаронидани даври ҷумҳуриявии озмуни «Омӯзгори соли Тоҷикистон» аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад.

Замимаи № 1
ба Низомномаи Озмуни
«Омӯзгори соли Тоҷикистон»

(Бланки муассисаи таълимие, ки иштирокчии озмунро пешниҳод намудааст)

# ПЕШНИҲОД

Ба Комиссияи тадорукоти озмуни «Омӯзгори соли Тоҷикистон»

______________________________________________________________

(номи пурраи ташкилот)

____________________________________________________________ -ро

(ном ва ному насаби довталаб)

барои иштирок намудан ба даври ҷумҳуриявии озмуни «Омӯзгори соли Тоҷикистон» пешниҳод менамояд.

(маълумоти мухтасар дар бораи довталаби озмун)

Роҳбари муассисаи таълимӣ__________________________ Имзо _______

(ному насаб)

Замимаи №2
ба Низомномаи озмуни
«Омӯзгори соли Тоҷикистон»

# Ҷадвали
# иттилоотии иштирокчии озмуни «Омӯзгори соли Тоҷикистон»

| | |
|---|---|
| Вилоят | |
| Шаҳр, ноҳия | |
| Насаб | |
| Ном | |
| Номи падар | |
| Рӯз, моҳ ва соли таваллуд | |
| Ҷойи таваллуд | |
| Номи пурраи муассисаи таълимие, ки иштирокчӣ кор мекунад | |
| Вазифа | |
| Фанҳое, ки иштирокчӣ дарс медиҳад | |
| Дараҷа | |
| Собиқаи педагогӣ то лаҳзаи пур намудани пурсишнома | |
| Собиқаи корӣ дар муассисаи таълимии мазкур | |
| Роҳбарии синфӣ (кадом синф) | |
| Таҳсилот (номи донишгоҳ, донишкада, соли хатм, факултет пурра нишон дода шавад) | |
| Унвони илмӣ (агар бошад) | |
| Таҳсилоти дуюм (пурра нишон дода шавад) | |
| Курсҳои такмили ихтисос (давоми 5 соли охир) | |
| Дар кадом курсҳои омӯзишӣ иштирок кардааст (давоми 5 соли охир) | |
| Мукофотҳои соҳавӣ (солҳои гирифтан нишон дода шавад) | |
| Унвон | |
| Аҳволи оилавӣ | |
| Фарзандон | |
| Аз кадом навовариҳои инноватсионӣ бохабаред ва истифода карда метавонед | |
| Суроға | |
| Телефони ҷойи кор | |
| Телефони хона | |
| Телефони мобилӣ | |
| Почтаи электронӣ | |
| Шиноснома (рақам, кай ва аз тарафи кӣ дода шудааст) | |

Замимаи № 3
ба Низомномаи Озмуни
«Омӯзгори соли Тоҷикистон»

Дархост
барои дастрас намудани таҷҳизоти зарурии
гузаронидани дарси конкурсӣ

| Фан | Таҷҳизоти зарурӣ |
|---|---|
| | |
| | |

Рӯзи пешниҳоди дархост ______________________
Имзои иштирокчӣ _____________________________